**ҚАРОРИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 6.05.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои луғавӣ-маънoии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» – **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи лингвистикаи Филиали «Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов» дар шаҳри Душанбе – **Неъматзода Фархунда Турсунбоевна**, муқарризони ғайрирасмӣ проф. С. Сулаймонов, Р. Раҳмонӣ, Д. Хоҷаев, Мисбоҳиддини Н, Умар Сафар ва А. Мамадназаровро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Қодирова Фирӯза Рустамовна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои луғавӣ-маънoии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» -и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Қодирова Фирӯза Рустамовна дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Қодирова Фирӯза Рустамовна дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисосро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.